# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо қарори Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 ноябри соли 2017 № 943
қабул карда шуд.

Бо қарори Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21 декабри соли 2017 № 452
ҷонибдорӣ карда шуд.

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2018, №1, мод. 3)**
(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 № 1525)

Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, тартиби будубош, инчунин ҳуқуқу уҳдориҳои онҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- шаҳрванди хориҷӣ - шахсе, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надошта, шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошад;

- шахси бешаҳрванд - шахсе, ки тибқи қонунгузории ягон давлат шаҳрванди он ҳисобида намешавад;

- паноҳгоҳи сиёсӣ - ба шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд додани имконияти паноҳ бурдан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъқиби сиёсӣ дар ҳудуди давлати шаҳрвандии худ ё давлати дигар, дар ҳолати мавҷуд будани хавфи воқеии чунин таъқиб, ки боиси вайронкунии ҳуқуқи инсон мегардад;

- гузаштани транзитӣ - тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати дигар гузаштани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд;

- бо роҳи маъмурӣ берун кардан - аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ҳамчун ҷазои маъмурӣ;

- манъи воридшавӣ - намуди маҳдудияти воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муассисаи махсус - муассисаи махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ, ки барои нигоҳдории муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи маъмурӣ берункшаванда пешбинӣ гардидааст.

## Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.

## Моддаи 3. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқу озодиҳои муқаррааргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истисноиҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар назди қонун баробаранд.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони давлатҳое, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда мешаванд, маҳдудиятҳои мувофиқ муқаррар мекунад.

4. Аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудани ҳуқуқу озодиҳо набояд ба манфиатҳои давлат, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони дигар зарар расонад.

## Моддаи 4. Уҳдадории шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро эҳтиром ва риоя кунанд, расму анъанаи халқҳои сокини ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро гиромӣ доранд.

## Моддаи 5. Будубоши доимӣ ва муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Истиқоматкунандагони доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде эътироф мешаванд, ки дорои гувоҳномаи истиқомати аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ додашуда мебошанд.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд уҳдадоранд, ки дар муддати 10 рӯзи корӣ аз санаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданашон бо тартиби муқаррааргардида аз қайд гузашта, баъд аз ба охир расидани мӯҳлати истиқоматашон Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намоянд, агар тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Қоидаҳои бақайдгирии шиносномаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва намунаи варақаи бақайдгириро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 № 1525)*.

3. Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби бераводид будубоши муваққатӣ доранд, ба муҳлати на зиёда аз муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд. Дар ҳолати набудани чунин шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, агар муҳлати будубоши бераводид дарҷ нашуда бошад, бақайдгирӣ ба муҳлати дар аризаи шаҳрванди хориҷӣ ё дархости ташкилоти қабулкунандаи шаҳрванди хориҷӣ нишондодашуда, вале на зиёда аз 1 сол амалӣ карда мешавад.

4. Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон будубоши муваққатӣ доранд, уҳдадоранд бо тартиби муқаррargardida то ба итмом расидани муҳлати будубош муҳлати раводид ва бақайдгириро тамдид намоянд.

5. Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон будубоши муваққатӣ дошта, шаҳрванди давлатҳое мебошанд, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби рафту омади бераводид доранд, уҳдадоранд бо тартиби муқаррargardida муҳлати амали бақайдгириро ба муҳлати зарурӣ, вале на зиёда аз 1 сол тамдид намоянд.

## Моддаи 6. Паноҳгоҳи сиёсӣ

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад.

2. Тартиби додани паноҳгоҳи сиёсиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

# БОБИ 2. ҲУҚУҚ, ОЗОДӢ ВА УҲДАДОРИҲОИ АСОСИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Моддаи 7. Ҳуқуқ ба фаъолияти меҳнатӣ

1. Фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ омадаанд, ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ ба шарте машғул шуда метавонанд, ки он бо мақсадҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданашон мувофиқ бошад.

3. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд.

4. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро дар асоси иҷозате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода мешавад, амалӣ карда метавонанд.

5. Қоидаҳои додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд ва намунаи ҳуҷҷати иҷозати он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

## Моддаи 8. Ҳуқуқ ба истироҳат

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, дар асосҳои умумӣ ҳуқуқ ба истироҳат доранд.

## Моддаи 9. Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ доранд.

2. Тартиби расондани кумаки тиббиро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ омадаанд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёт ва саломатии худро суғурта менамоянд.

## Моддаи 10. Ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ мекунанд, барои гирифтани кумакпулиҳо, нафақа ва намудҳои дигари таъминоти иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ омадаанд, барои гирифтани кумакпулиҳо ва намудҳои дигари таъминоти иҷтимоӣ дар асос ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

3. Агар барои таъин кардани нафақаи шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд собиқаи кории муайян талаб карда шавад, дар асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин собиқа метавонад муҳлати фаъолияти меҳнатии анҷомдодаи ӯ дар хориҷа дохил карда шавад.

## Моддаи 11. Ҳуқуқ ба манзил

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба манзил барои ба истифодаи муваққатӣ гирифтани манзили истиқоматӣ ҳуқуқ доранд.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқи ҳамчун моликият ба даст овардани биною хонаҳои истиқоматӣ, инчунин дигар биноҳоеро, ки ба фонди манзил дохил шудаанд (ба истиснои ба даст овардани мерос аз ҷониби ворисони қонунӣ), надоранд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

3. Қоидаҳои пешниҳод намудани молу мулки ғайриманқул бо мақсади ҷойгир кардани намояндагиҳои дипломатӣ, намояндагиҳои созмонҳои байналмилалии ба онҳо баробаркардашуда ва муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## Моддаи 12. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд молу мулки хусусӣ дошта бошанд, молу мулкро ба мерос монанд ё гиранд, ҳуқуқи муаллифии асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ихтироот, намунаҳои саноатӣ, инчунин дорои ҳуқуқҳои дигари молумулкию ғайримолумулкӣ бошанд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

## Моддаи 13. Ҳуқуқ ба таҳсил

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба таҳсил доранд.

## Моддаи 14. Ҳуқуқ ба истифодаи дастовардҳои фарҳангӣ

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи дастовардаҳои фарҳангӣ ҳуқуқ доранд.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ухдадоранд, ки нисбат ба ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва арзишҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёткорона муносибат намоянд.

## Моддаи 15. Иштирок дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд, ҳуқуқ доранд ба иттифоқҳои касаба, ҷамъиятҳои илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятӣ, ғайр аз ҳизбҳои сиёсӣ дохил шаванд, агар ин хилофи ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад.

## Моддаи 16. Озодии виҷдон

1. Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон кафолат дода мешавад.

2. Барангехтани хусумат ва бадбинӣ вобаста ба дину мазҳаб манъ аст.

## Моддаи 17. Муносибатҳои оилавӣ

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони давлатҳои дигар мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ақди никоҳ банданд ва онро бекор кунанд.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои оилавӣ аз ҳуқуқҳои баробар истифода мебаранд ва дорои ухдадориҳои баробар мебошанд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 18. Дахлнопазирии шахс ва манзил

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дахлнопазирии шахс ва манзил кафолат дода мешаванд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 19. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан ва ҷои истиқомат интихоб намудани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, аз як ҷо ба ҷои дигар раванд ва ҷои истиқомати худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намоянд.

### Моддаи 20. Андоз, боҷ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз, боҷ ва дигар пардохтҳои ҳатмиро месупоранд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

### Моддаи 21. Ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқҳояшон метавонанд ба суд ва дигар мақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар суд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ истифода мебаранд.

### Моддаи 22. Муносибат ба хизмати давлатӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд ба мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ интихоб ва ё таъин шаванд, инчунин дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок намоянд.

### Моддаи 23. Муносибат ба хизмати ҳарбӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ уҳдадор намебошанд.

## БОБИ 3. БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИД ШУДАН ВА АЗ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОМАДАНИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНД

### Моддаи 24. Ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо шиносномаҳои хориҷӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари ивазкунандаи онҳо, дар сурати мавҷуд будани раводиди амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нисбат ба давлатҳои алоҳида дар асоси принсипи мутақобила низоми бераводидро ҷорӣ намояд.

4. Қарор дар бораи яктарафа ҷорӣ намудани низоми бераводид бо кишварҳои хориҷӣ дар асоси пешниҳоди мақомоти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

5. Ба шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд дар ҳолатҳои зерин барои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намешавад:

- ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ё саломатии аҳолӣ;

- агар ӯ бар зидди соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда, барои хадалдор гардидани ягонагӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намояд ё намуда бошад;

- агар чунин маҳдудкунӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони дигар зарур бошад;

- агар маълумот дар бораи иштироки ӯ дар амалҳои террористӣ ва экстремистӣ мавҷуд бошад;

- агар аз ҷониби ӯ ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор шуда бошанд;

- агар дар вақти пешниҳод кардани дархост ҷиҳати ворид шудан дар бораи худ маълумоти бардурӯғ дода ё ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накарда бошад;

- агар дар кофтукови мақомоти дахлдори давлатҳои дигаре қарор дошта бошад, ки Тоҷикистон бо онҳо шартнома дар бораи истирдод бастааст;

- дар ҳолатҳое дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

6. Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи маъмурӣ берун карда шудаанд, ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати панҷ сол аз рӯзи қабули қарори дахлдор манъ аст.

7. Дар сурати ду ва ё зиёда маротиба аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи маъмурӣ берун карда шудани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ворид шудани онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати даҳ сол аз рӯзи қабули қарори дахлдор манъ аст.

## Моддаи 25. Баромадан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шиносномаҳои хориҷӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари ивазкунандаи онҳо, дар сурати мавҷуд будани раводиди амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баромадан доранд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Дар сурати аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадани шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд, ҳуҷҷати ивазкунандаи шиносномаи хориҷӣ шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд мебошад, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дода мешавад.

3. Ба шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд дар ҳолатҳои зерин барои баромадан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намешавад, агар:

- барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашидани ӯ асос бошад;

- ӯ барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда бошад, то адои ҷазо ё озодшавӣ аз ҷазо;

- баромадани ӯ хилофи манфиатҳои таъмини амнияти миллӣ бошад, то қатъ гардидани амали ҳолатҳое, ки ба баромадан монеъ мешаванд;

- дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он ӯҳдадории молиявӣ ва молумулкӣ дошта бошад, то иҷрои чунин ӯҳдадориҳо;

- ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дошта бошанд, ки ба баромадани ӯ монеъ мешаванд.

## Моддаи 26. Гузаштани транзитӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки раводиди транзитии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, метавонанд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи транзитӣ гузаранд, қоидаҳои гузаштани транзитиро дар нуқтаи сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи хати ҳаракати муқарраршуда риоя кунанд ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати дар раводиди транзитӣ нишондодашуда таваққуф намоянд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

## Моддаи 27. Муқаррар намудани қоидаҳои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, будубош, баромадан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаштани транзитӣ тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қоидаҳои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, будубош, баромадани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаштани транзитии онҳо тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

## Моддаи 28. Назорати будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Назорати будубош ва ҳаракати транзитии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ваколатдор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

# БОБИ 4. МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНД БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ҚОИДАҲОИ БУДУБОШ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КАМ КАРДАНИ МУҲЛАТИ БУДУБОШ ВА БО РОҲИ МАЪМУРӢ БЕРУН КАРДАНИ ОНҲО

## Моддаи 29. Ҷавобгарӣ барои амалҳои зиддиҳуқуқӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои зиддиҳуқуқӣ содир кардаанд, тибқи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон.

## Моддаи 30. Масъулият барои риоя накардани қоидаҳои будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд уҳдадоранд, ки қоидаҳои будубошро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя кунанд, аз ҷумла бе ҳуҷҷати ҳуқуқи истиқомат ё бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат накунанд, тартиби муқарраршудаи бақайдгирӣ ё сабти маҳалли истиқомат, ё аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан ва интихоби ҷои истиқоматро риоя кунанд, баъди анҷоми муҳлати таъиншудаи будубоши худ аз баромада рафтан саркашӣ накунанд, инчунин қоидаҳои гузаштани транзитӣ тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунанд.

## Моддаи 31. Кам кардани муҳлати будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муҳлати муайяни будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намекунанд, кам карда мешавад.

2. Муҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳое низ кам карда мешавад, ки асос барои будубоши минбаъдаи ӯ аз байн рафта бошад. Дар чунин ҳолат шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд уҳдадор аст дар муҳлати муайяннамудаи мақомоти ваколатдор, вале на дертар аз даҳ рӯзи тақвимӣ ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намояд. Қарор дар бораи кам кардани муҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ ва амнияти миллӣ қабул карда мешавад.

## Моддаи 32. Бо роҳи маъмурӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд

1. Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд барои риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба будубош, ворид ва баромадан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаштани транзитӣ тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолатҳои дигар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санади судӣ бо роҳи маъмурӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун карда мешавад.

2. Қарор дар бораи бо роҳи маъмурӣ аз ҳудуди Ҷумҳури Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ба мақомоте, ки парвандаро оғоз намудааст, мақомоти корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ ва амнияти миллӣ фиристода мешавад.

3. Бо роҳи маъмурӣ берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби худи шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ё аз ҳисоби шахси даъваткунанда ва ё аз ҳисоби шахсони сеюм амалӣ карда мешавад.

4. Мақомоти дахлдор қарорро дар бораи бо роҳи маъмурӣ берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд иҷро намуда, аз натиҷааш ба суде, ки қарорро қабул намудааст, хабар медиҳанд.

5. Мақоми давлатие, ки қарорро дар бораи берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд, намояндагии дипломатӣ ва муассисаҳои консулии давлати хориҷиро, ки шахси

берункардашаванда шаҳрванди он мебошад ва ё дар ҳудуди он истиқомат мекунад, ба воситаи мақомоти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ месозад.

6. Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки нисбати ӯ қарор дар бораи бо роҳи маъмурӣ берун кардан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, метавонад то иҷрои қарори мазкур бо қарори суд дар муассисаи махсус ҷудокардашудаи мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти амнияти миллӣ нигоҳ дошта шавад ё ба кафилии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 33. Имтиёзҳо ва масунияти роҳбарон ва кормандони намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ ва шахсони дигар

Имтиёзҳо ва масунияти роҳбарон ва кормандони намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва шаҳрвандони хориҷии ба онҳо баробаркардашуда бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 34. Танзими будубоши кормандони намояндагиҳои хориҷӣ

Будубоши кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ, инчунин аъзои оилаҳои онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон танзим карда мешавад.

### Моддаи 35. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 36. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996 "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷухурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод.55; с.1997, №9, мод.117, фасли XXIII; с.1998, №10, мод. 119, фасли XII; с. 2001, №7, мод. 475; с. 2003, №8, мод.452; с. 2009, №3, мод. 93, №12, мод. 817; с. 2011, №12, мод. 834; с.2012, №7, мод.713; с.2014, №3, мод.146) аз эътибор соқит дониста шавад.

### Моддаи 37. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе

2 январи соли 2018 № 1471